*УДК 336.2 (575.3)*
*DOI 10.24412/3005-8023-2026-1-107-114*

# УСУЛҲОИ МУОСИРИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ ИҚТИДОРИ АНДОЗИИ МИНТАҚАҲО

***Сабуров Валишер Дустмаҳматович,*** *н.и.и., муовини сардори раёсати технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, Тоҷикистон)*

# СОВРЕМЕННЫЕ МЕТОДЫ НАЛОГОВОГО АДМИНИСТРИРОВАНИЯ ДЛЯ ПОВЫШЕНИЯ НАЛОГОВОГО ПОТЕНЦИАЛА РЕГИОНОВ

***Сабуров Валишер Дустмахматович****, канд. экон. наук, заместитель начальника управления информационно-коммуникационными технологиями Национального центра тестирования при Президенте Республики Таджикистан (Душанбе, Таджикистан)*

# MODERN METHODS OF TAX ADMINISTRATION TO INCREASE THE TAX POTENTIAL OF REGIONS

***Saburov Valisher Dustmahmatovich****, candidate in Economics, deputy head of the information and communication technologies department at the national testing center under the President of the Republic of Tajikistan, (Dushanbe, Tajikistan)*
***e-mail:*** *valisher.saburov@ntc.tj*

*Масъалаи татбиқи усулҳои муосири маъмурикунонии андоз дар минтақаҳо баррасӣ шудааст. Нақши технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии равандҳои андозбандӣ, истифодаи платформаҳои электронӣ ва таҳлили маълумоти оморӣ дар баланд бардоштани иқтидори андозии минтақаҳо таҳқиқ гардидааст. Дар асоси таҳлили таҷрибаи амалии Тоҷикистон ва баъзе кишварҳои дигар роҳҳои беҳсозии низоми маъмуркунонии андоз пешниҳод шудааст. Мавод метавонад ба таҳияи стратегияҳои минтақавии идоракунии молия ва такмили манбаъҳои андоз мусоидат намояд. Илова бар ин, дар шароити ислоҳоти молиявӣ густариши истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар маъмурикунонии андоз ҳамчун омили муҳимми баланд бардоштани самаранокии идоракунии даромадҳои буҷетӣ баррасӣ мегардад. Татбиқи усулҳои муосири рақамӣ ба содагардонии равандҳои ҳисобу пардохти андоз, беҳтар шудани хизматрасонӣ ба андозсупоранда, инчунин болоравии сатҳи шаффофият ва интизоми андоз дар минтақаҳо мусоидат менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *маъмурикунонии андоз, иқтидори андоз, рақамикунонӣ, минтақа, ислоҳоти молиявӣ, технологияҳои иттилоотӣ, андозсупоранда*

*Анализируется проблема применения современных методов налогового администрирования для повышения налогового потенциала регионов. Рассматривается роль информационных технологий, цифровизации налоговых процессов, использования электронных платформ и анализа статистических данных в росте эффективности налоговой системы. На основе анализа практики Таджикистана и других стран предлагаются пути совершенствования налогового администрирования на региональном уровне. Материал может быть полезен для разработки стратегии регионального финансового управления. Кроме того, при проведении финансовых реформ расширение использования информационных технологий в налоговом администрировании рассматривается как важный фактор повышения эффективности управления доходами бюджета. Внедрение современных цифровых методов способствует упрощению процесса исчисления и уплаты налогов, улучшению качества обслуживания налогоплательщиков, а также повышению уровня прозрачности и налоговой дисциплины в регионах.*

***Ключевые слова:*** *налоговое администрирование, налоговый потенциал, цифровизация, регион, налогоплательщик, финансовые реформы, информационные технологии*

*The article explores the application of modern methods of tax administration in the context of increasing the tax potential of regions. It discusses the role of information technologies, digitalization of tax processes, the use of electronic platforms, and statistical data analysis in enhancing regional tax efficiency. Based on the analysis of Tajikistan's practice and international experience, the author suggests ways to improve tax administration systems. The material is relevant for developing regional fiscal strategies and strengthening the tax base. Moreover, in the context of financial reforms, the expansion of the use of information technologies in tax administration is considered an important factor in enhancing the efficiency of budget revenue management. The implementation of modern digital methods contributes to the simplification of tax assessment and payment processes, improves the quality of services provided to taxpayers, and also increases the level of transparency and tax discipline in the regions.*

***Key-words:*** *tax administration, tax potential, digitalization, region, taxpayer, financial reform, information technology*

**Гузориши масъала.** Дар шароити муосири гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва тақвияти имкониятҳои молиявии давлат, масъалаи такмили маъмурикунонии андоз дар сатҳи минтақаҳо аҳаммияти афзоянда пайдо кардааст. Иқтидори андоз ҳамчун асоси таъминкунандаи даромади буҷетҳои маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ, то ҳол дар баъзе минтақаҳо пурра истифода намешавад. Сабабҳои ин ҳолат ба норасоии механизмҳои муосири идоракунӣ, сатҳи пасти рақамикунонӣ, набудани ҳамгироии сохторҳои дахлдор ва мушкилоти ҳамоҳангсозии хизматрасонии андоз вобастаанд.

Аз ин лиҳоз, муаммои баланд бардоштани самаранокии маъмурикунонии андоз ҳамчун масъалаи муҳим дар зери назари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Бахусус, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар чунин қайд намудаанд: «Кумитаи андоз бояд ҷиҳати омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон дар самти маъмурикунонии андоз ва баланд бардоштани маърифати андозсупорӣ, такмили ихтисоси кормандони худ, ба тариқи озмун интихоб ва ҷобаҷогузорӣ намудани кадрҳои сатҳи касбияташон баланд чораҳои зарурӣ андешад» [1].

Ҳамзамон бо ин, рушди технологияҳои иттилоотӣ, таҳлили рақамӣ ва ҷорӣ намудани платформаҳои электронии андоз имкон медиҳанд, ки равандҳои маъмурикунонии андоз самаранок, шаффоф ва ҷавобгӯ ба талаботи замон гарданд. Аз ин рӯ, зарурати омӯзиши усулҳои муосир, арзёбии таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин таҳияи тавсияҳо барои татбиқи васеи онҳо дар сатҳи минтақавӣ ба миён меояд.

**Таҳлили таҳқиқоти охир ва нашрияҳо.** Мавзуи такмили маъмурикунонии андоз дар сатҳи минтақаҳо ва баланд бардоштани иқтидори андоз солҳои охир таваҷҷуҳи хосаи олимон ва коршиносонро ба худ ҷалб намудааст. Дар бисёре аз корҳои илмӣ ба масъалаҳои механизми самараноки ҷамъоварии андоз, таъсири рақамикунонӣ ба шаффофияти равандҳо ва васеъ кардани манбаъҳои андоз таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Масалан, Солеҳзода А. М. дар мақолаи "Information Technologies in the Tax Administration System of VAT" ҷиҳати истифодаи низоми электронӣ дар маъмурикунонии андози арзиши иловашуда (VAT) баромад намуда, равшан нишон медиҳад, ки технологияҳои иттилоотӣ, интернет ва мубодилаи электронии маълумот метавонанд шаффофият ва самаранокии ҷамъоварии андозро зиёд кунанд [8]. Дар доираи ислоҳоти низоми маъмурикунонии андоз, **Бонки ҷаҳонӣ** тавассути лоиҳаи **«Tax Administration Reform Operation»** ба маблағи **50**

**млн доллари ИМА** (солҳои **2021–2026**) татбиқи як қатор тадбирҳои муҳимро дастгирӣ намудааст. Аз ҷумла, ҷорӣ намудани **низоми арзёбии хатари автоматӣ**, такмили **қонунгузории андоз**, инчунин рушди **хадамоти электронии андоз**, ба мисли **рефанди автоматии андози арзиши иловашуда (VAT)** ва истифодаи **имзоҳои рақамии электронӣ** пешбинӣ гардидааст. Амалисозии ин чораҳо ба баланд бардоштани шаффофият, самаранокии маъмурикунонии андоз ва беҳтар гардидани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон мусоидат менамояд. Хадамоти федералии андози Русия барои Тоҷикистон платформаи мобилии “Personal Account for Individual Taxpayers” ва низоми аналитикӣ барои назорати VAT-ро пешниҳод кардааст; ки ин таҷриба имкони назорат ва механизми равшантар ва мувофиқтарро фароҳам меорад [6]. Лоиҳаи тариқи платформаи Tax-Platform нишон медиҳад, ки Тоҷикистон аз соли 2020 то 2027 бо кумаки IMF ва World Bank лоиҳаҳои техникии маъмурикунонии андоз, аз ҷумла такмили қонунгузорӣ, густариши хадамоти электронӣ ва идоракунии ҳуҷҷатҳоро амалӣ мекунад.

Дар муҳити илмии Тоҷикистон масъалаҳои такмили маъмурияти андоз аз ҷониби як қатор муҳаққиқон баррасӣ гардидааст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти онҳоро дар дастрасии озод мутолиа кардан мумкин аст. Раҳимов Р. дар мақолаи «Механизмҳои рақамикунонии маъмурияти андоз дар Тоҷикистон» таъкид менамояд, ки ҷорӣ намудани хизматрасониҳои электронӣ шаффофиятро баланд бардошта, хатари фасодро кам мекунад [4]. Аммо муҳаққиқ ба ин нукта ишора мекунад, ки инфрасохтори нокифоя ва сатҳи пасти дониши рақамӣ ба пешрафти босуръати рақамикунонии андоз монеа мегадад.

Абдуллоев А. дар кори худ «Усулҳои муосири идораи интизоми андоз дар иқтисодиёти гузариш» масъалаи зарурати назорати қатъӣ ва ҳамзамон тадбирҳои ангезишдиҳандаро баррасӣ мекунад [2]. Абдуллоев бар он аст, ки назорати шадид метавонад ба афзоиши иқтисодиёти пинҳонӣ оварда расонад, дар ҳоле ки муносибати мукаммал бо дастгирии машваратӣ самараи бештар дорад.

Мирзоев М. дар таҳқиқи худ «Хусусиятҳои минтақавии маъмурияти андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аҳаммияти ба назар гирифтани шароитҳои иқтисодии маҳалиро барои самаранокии идоракунии андоз таъкид мекунад [3].

Бо фикри Раҳимов Р. метавон розӣ шуд, зеро таҷрибаи кишварҳои рушдёфта низ нишон медиҳад, ки рақамикунонӣ дар ҳақиқат шаффофият ва самаранокии андозро зиёд мекунад. Вале бо вуҷуди аҳаммияти рақамикунонӣ, тавре ки Раҳимов Р. пешниҳод мекунад, бе баланд бардоштани савияи маърифат ва омодагии техникии мақомоти маҳаллӣ, ин раванд метавонад бо монеаҳо рӯ ба рӯ шавад. Пешниҳоди Абдуллоев оид ба баробар кардани назорат ва дастгирӣ мутобиқ ба шароити Тоҷикистон аст, зеро назорати танҳо метавонад боиси афзоиши иқтисодиёти пинҳонӣ шавад.

**Мақсади мақола.** Ҳадафи асосии ин мақола таҳлил ва баррасии аҳаммияти усулҳои муосири маъмурияти андоз дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ мебошад. Дар доираи ин таҳқиқот иқдомотиислоҳотии дар соҳаи андоз амалишаванда, имкониятҳои фароҳамомадаи рақамикунонӣ, механизмҳои муосири идоракунии захираҳои андозӣ ва таҷрибаи истифодаи технологияҳои нав дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Мақсади таҳлил муайян кардани нақши ин равандҳо дар боло бурдани иқтидори андозии минтақаҳо мебошад. Илова бар ин, дар мақола пешниҳодҳое манзур мегарданд, ки ба таҳкими ҳамкории сохторҳои андоз бо андозсупорандагон ва беҳтар намудани истифодаи имкониятҳои институтсионалӣ барои баланд бардоштани самаранокии маъмурияти андоз мусоидат менамоянд.

**Муҳтавои асосии мавод.** Бори аввал истифодаи истилоҳи «иқтисодиёти рақамӣ», ки маънои истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ ва телекоммуникатсиониро дошт, соли 1995 аз ҷониби олими амрикоӣ Николас Негропонте пешниҳод карда шудааст [7]. Рушди устувори

иқтисоди миллӣ то андозае ба самаранокии низоми андозбандӣ ва маъмурикунонии он вобаста аст. Дар шароити муосир, масъалаи татбиқи усулҳои инноватсионӣ ва муосири маъмурияти андоз ба хотири баланд бардоштани иқтидори андозии минтақаҳо аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо кардааст. Иқтидори андоз, ки қобилияти воқеии минтақа барои таъмин намудани даромади буҷет тавассути ҷалби манбаъҳои андоз мебошад, бояд мунтазам таҳлил ва тақвият дода шавад. Ин амал бе ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ, механизмҳои шаффоф ва методҳои самарабахши маъмурикунонӣ ғайриимкон аст.

Маъмурикунонии самараноки андоз яке аз ҷузъҳои муҳимми рушди устувори иқтисод ва таҳкими иқтидори молиявии давлат маҳсуб меёбад. Дар шароити имрӯза, ки иқтисодиёти ҷаҳон ва аз ҷумла Тоҷикистон дар роҳи рақамикунонӣ қарор дорад, масоили вобаста ба таъмини шаффофият, коҳиши сарбории маъмурӣ ва баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ ба хизматрасониҳои андоз аҳаммияти хос пайдо менамоянд.

Иқтидори андозии минтақаҳо ҳамчун нишондиҳандаи қобилияти минтақа барои захира намудани даромадҳои буҷетӣ тавассути низомҳои андоз муҳим арзёбӣ мешавад. Таҳкими ин иқтидор на танҳо ба зиёд шудани воридоти андозҳо ба буҷет, балки ба рушди иқтисодии умумии кишвар мусоидат менамояд. Вобастагӣ ба захираҳои дохилии молиявӣ, тақозои шаффофияти буҷетӣ ва вазъи мураккаби геоиқтисодӣ зарурати истифодаи васеи усулҳои муосири маъмурикунии андозро афзун месозад.

***Ҷадвали 1. Таҳлили иҷрои нақшаи андоз дар соли 2022 (млн сомонӣ)***

| № | Навъи андоз | Нақша | Иҷро | % иҷро | Тафсири иҷро |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Андози даромад аз шахсони воқеӣ | 2700,8 | 2853,7 | 105,7% | Иҷрои **барзиёд**, +152,9 млн сомонӣ |
| 2 | Андози фоида аз шахсони ҳуқуқӣ | 2564,6 | 3050,4 | 118,9% | Иҷрои **хело зиёд**, +485,7 млн сомонӣ |
| 3 | ААИ (андоз аз арзиши иловашуда) | 3689,2 | 3376,9 | 91,5% | **Иҷрои нокофӣ**, -312,4 млн сомонӣ |
| 4 | Аксизҳо | 312,1 | 314,2 | 100,7% | Иҷрои **наздик ба нақша**, +2,1 млн сомонӣ |
| 5 | Андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ | 2051,0 | 1990,3 | 97% | **Иҷрои нокофӣ**, -60,7 млн сомонӣ |
| 6 | Андозҳо барои захираҳои табиӣ | 1007,3 | 1052,0 | 104,4% | **Барзиёд иҷро**, +44,7 млн сомонӣ |
| 8 | Боҷи давлатӣ | 172,0 | 188,1 | 109,3% | Иҷро **барзиёд**, +16,1 млн сомонӣ |
| 9 | Низоми соддакардашуда | 833,4 | 852,4 | 102,3% | **Иҷро хуб**, +19 млн сомонӣ |
| 10 | Дигар пардохтҳои буҷети ҷумҳуриявӣ | 557,1 | 608,2 | 109,2% | **Иҷрои барзиёд**, +51,2 млн сомонӣ |
| 11 | Андоз аз воситаҳои нақлиёт | 265,2 | 281,0 | 106% | **Иҷро хуб**, +15,8 млн сомонӣ |
| 12 | Андоз аз молу мулки ғайриманқул | 549,0 | 587,9 | 107,1% | **Иҷро хуб**, +38,9 млн сомонӣ |
| 13 | Дигар пардохтҳои маҳаллӣ | 137,2 | 133,8 | 97,5% | **Иҷрои нокофӣ**, -3,4 млн сомонӣ |

***Ҳисоби муаллиф.*** *Маълумоти ҳисоботии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024.*

Аз ҷадвал маълум аст, ки андозҳои иҷрошуда фарқи мусбат доранд. Аз ҷумла иҷрои

андози фоида аз шахсони ҳуқуқӣ хеле баланд (118,9%) мебошад. Шояд сабаби ин афзоиши даромаднокии ширкатҳо, беҳбуди идоракунии андоз, ё назорати қатъии буҷет бошад. Инчунин, иҷрои андози даромад аз шахсони воқеӣ дар сатҳи 105,7% қарор дошта, аз таъсири мусбати афзоиши музди меҳнат ва беҳтар гардидани фарогирии бақайдгирии шуғли расмӣ шаҳодат медиҳад. Андозҳо барои захираҳои табиӣ ва боҷи давлатӣ низ барзиёд иҷро шудаанд. ААИ (андоз аз арзиши иловашуда): иҷро нашудааст — 91,5%. Ба фикри муаллиф сабаб метавонад паст шудани гардиши мол, кам шудани талабот ё фаъолияти иқтисоди соявӣ бошад. Андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ва пардохтҳои маҳаллӣ низ кам иҷро шудааст.

Агар иҷрои ҳамаи андозҳоро таҳлил намоем, пас аз 13 гурӯҳи андоз, 9 намуд барзиёд иҷро шудааст (зиёда аз 100%). 3 намуд кам иҷро шудааст (камтар аз 100 %).

Иҷрои умумии нақшаи андоз дар соли 2022 назар ба нақша мусбат арзёбӣ мегардад. Ба истиснои ААИ, дигар андозҳои калидӣ иҷро шудаанд ва ҳатто аз нақша зиёданд. Ин нишондиҳандаи устувории сиёсати андоз, назорати муассир ва, эҳтимол, иқтисоди рушдкунанда мебошад.

Имрӯз кишварҳо дар татбиқи стратегияҳои рақамикунонӣ, автоматизатсияи равандҳои ҳисоботдиҳӣ, таҳлил ва назорати андоз, ҳамчунин дар таҳкими робитаҳои байни давлат ва андозсупорандагон таҷрибаи гуногун ва муваффақиятҳои назаррас доранд. Дар ҳамин замина, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ иқдомҳои муҳим андешидааст, аммо масъалаҳои ба сабаби сустии инфрасохтор, сатҳи пасти рақамикунонӣ ва набудани барномаҳои таълимии доимӣ барои кормандон ва андозсупорандагон ҳанӯз ҳам ҳалталаб боқӣ мемонад.

Дар ин мақола мо кӯшиш менамоем, ки моҳият ва аҳаммияти усулҳои муосири маъмурикунонии андозро дар шароити баланд бардоштани иқтидори андозии минтақаҳо таҳлил намоем, самтҳои асосии татбиқи ин усулҳоро муайян карда, дар асоси таҳлили вазъи кунунӣ тавсияҳои мушаххас пешниҳод кунем.

Маъмурикунонии андоз маҷмуи амалҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иттилоотист, ки мақомоти андоз барои муайян ва таъмин намудани ҷамъоварии саривақтии андозҳо анҷом медиҳанд. Нақши маъмурикунонии самаранок дар он ифода меёбад, ки он метавонад ҳам сатҳи иҷрои уҳдадориҳои андозии шаҳрвандон ва ташкилотҳоро баланд бардорад ва ҳам андозситонии муассирро таъмин намояд.

Маъмурикунонии андоз яке аз унсурҳои асосии низоми андоз ба шумор меравад, ки фаъолияти мақомоти андозро дар самти таъмин ва назорати иҷрои уҳдадориҳои андоз аз ҷониби субъектҳои иқтисодӣ муайян месозад. Он маҷмуи тадбирҳои маъмурӣ, ҳуқуқӣ, молиявӣ ва иттилоотиро дар бар мегирад, ки ҳадафи онҳо зиёд намудани самаранокии ҷамъоварии андоз ва таъмин намудани адолати андозбандӣ мебошад.

Маъмурикунонии муосир ба рушди иқтидори андоз мусоидат менамояд, зеро:

- он имкони васеъ намудани заминаи андозбандишударо фароҳам меорад;
- сатҳи назорати мақомоти андозро нисбат ба иҷрои уҳдадориҳои андозсупорандагон боло мебарад;
- сарбории маъмурии андозсупорандагонро коҳиш медиҳад;
- шаффофият ва эътимодро байни давлат ва шаҳрвандон таҳким мебахшад.

Дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, мо бояд маъмурикунонии андозро ҳамчун раванди муттасили ислоҳоти идоракунии давлатӣ арзёбӣ намоем, ки дар он татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва модели нави ҳамкорӣ бо андозсупорандагон аҳаммияти калидӣ пайдо мекунад.

Дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ, истифодаи усулҳои муосири маъмурикунонӣ имконият медиҳанд, ки низоми андоз ба талаботи муосир ҷавобгӯ бошад. Аз ҷумла:

- Рақамикунонии ҳисоботи андоз;
- Истифодаи платформаҳои онлайн барои бақайдгирӣ ва назорат;
- Татбиқи таҳлили додаҳои калон (Big Data);

- Корбурди низомҳои худкор (AI, ML);
- Шаффофият ва дастрасии оммавӣ ба маълумоти фискалӣ.
- Ин тадбирҳо ба коҳиши сарбории маъмурӣ, кам кардани саркашӣ аз андоз ва афзоиши ҳаҷми даромади буҷет мусоидат мекунанд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар минтақаҳои Тоҷикистон сатҳи рақамикунонии хизматрасониҳои андоз ҳанӯз дар марҳилаи ибтидоӣ қарор дорад. Гарчанде, ки барномаи миллии рақамикунонӣ ва ислоҳоти мақомоти андоз амал мекунад, аммо мушкилоти зерин мавҷуданд:

- Норасоии инфрасохтори рақамӣ;
- Сатҳи пасти саводи рақамии кормандон ва андозсупорандагон;
- Дастрасии маҳдуд ба интернет ва таҷҳизоти техникӣ;
- Қувваи кории нокофӣ ва маҳоратнокии пасти он.

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдори пешбурди сиёсати андоз бо мақсади таъмини иҷрои нақшаи пешбинишудаи воридотҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ тадбирҳои муосири иттилоотӣ ва рақамиро истифода мебарад. Ин тадбирҳо аз ҷумлаи беҳтар намудани самаранокии додугирифти маълумотҳо, коркарди маълумотҳо тариқи технологияи рақамӣ, такмили сатҳ ва сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва пешгирии халалдоршавии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор мебошад. Ҳамчунин, Кумита ҷорӣ намудани пешниҳоди электронии эъломия ва ҳисоботи андоз ва татбиқи корҳои таҳлилӣ дар доираи барномаҳои ҳисоботиву назоратиро роҳандозӣ намудааст, ки бо талаботи имрӯзаи иқтисоди ҷаҳонӣ мутобиқ мебошад [5, с. 116].

Бо вуҷуди ин, баъзе минтақаҳо, махсусан Душанбе ва вилояти Суғд, натиҷаҳои беҳтар нишон медиҳанд. Аз ҷумла, истифодаи «Кабинети шахсии андозсупоранда» ва ҳисоботи электронӣ дар ин минтақаҳо васеъ истифода мешавад.

Барои баланд бардоштани иқтидори андоз тавассути маъмурикунонии муосир, самтҳои зерин муҳимманд:

- Рақамикунонии пурраи равандҳои андозситонӣ ва ҳисоботдиҳӣ;
- Гузариш ба низоми автоматикунонидаи санҷиш ва назорат;
- Омӯзиш ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти андоз;
- Кор бо андозсупорандагон тавассути барномаҳои саводноккунии молиявӣ;
- Ташкили ҳамкории наздик бо бахши хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои рақамӣ;
- Ҳавасмандгардонии андозсупорандагони софдил бо усулҳои фискалии ғайримолиявӣ (рейтинг, дастгирӣ).

Бо мақсади таҳлили ҳолати мавҷуда, дар ҷадвали зерин нишондиҳандаҳои муқоисавӣ пешниҳод гардидаанд.

***Ҷадвали 2. Сатҳи фаъолият ва рақамикунонии андозсупорандагон дар минтақаҳо***

| Минтақа | Даромади умумии андоз (млн сомонӣ) | Сатҳи рақамикунонӣ (%) | Андозсупорандагони фаъол (%) |
|---|---|---|---|
| Душанбе | 4 338,0 | 85 | 92 |
| Вилояти Суғд | 4 342,1 | 70 | 88 |
| Вилояти Хатлон | 2 054,5 | 55 | 73 |
| ВМКБ | 189,1 | 40 | 60 |
| НТҶ | 1 263,4 | 60 | 75 |

***Ҳисоби муаллиф.*** *Маълумоти ҳисоботии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024.*

Маълум аст, ки ҳамоҳангии сатҳи рақамикунонӣ бо ҳаҷми даромади андоз ва шумораи

субъектҳои фаъол робитаи мустақим дорад.

**Хулоса ва тавсияҳо.** Татбиқи усулҳои муосири маъмурияти андоз метавонад ба баланд бардоштани иқтидори воқеии андозии минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам орад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф зарур аст, ки - инфрасохтори рақамии мақомоти андоз дар тамоми кишвар мукаммал гардад; - барномаҳои таълимӣ ва иттилоотӣ ҷиҳати баланд бардоштани саводи андозсупорандагон роҳандозӣ шаванд; - сатҳи шаффофият ва дастрасии маълумот дар мақомоти андоз афзоиш ёбад; - муносибати шарикона бо бахши хусусӣ ва татбиқи таҷрибаи байналмилалӣ вусъат ёбад.

Татбиқи самараноки ин чорабиниҳо метавонад ба коҳиши иқтисодиёти «сиёҳ», баланд бардоштани эътимоди мардум ба низоми андоз ва тақвияти иқтидори иқтисодии кишвар мусоидат намояд.

### *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Суханронии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар аз 10.05.2019 // [Манбаи электронӣ]. URL: www.andoz.tj [санаи муроҷиат 16.06.2025 с].*
2. *Абдуллоев А. «Усулҳои муосири идораи интизоми андоз дар иқтисодиёти гузаришӣ». — Маҷмуаи конфронсҳои иқтисодӣ, Душанбе, 2022. URL: https://econconf.tj/proceedings/abdullaev2022.pdf (санаи дастрасӣ: 16.06.2025)*
3. *Мирзоев М. «Хусусиятҳои минтақавии маъмурияти андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». — Маҷаллаи «Иқтисод ва идоракунӣ», 2021. URL: http://journal.economy.tj/issue2021/mirzoev.pdf (санаи дастрасӣ: 16.06.2025)*
4. *Раҳимов Р. «Механизмҳои рақамикунонии маъмурияти андоз дар Тоҷикистон». — Маҷаллаи илмию иқтисодӣ «Иқтисод ва молия», 2023. URL: http://economyjournal.tj/article/rahimov2023.pdf (санаи дастрасӣ: 16.06.2025)*
5. *Сабуров Д. Ҷ. Такмили низоми андозбандӣ омили рушди иқтисодиёти минтақа дар шароити рақамикунонӣ / Д. Ҷ. Сабуров // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2021. – № 4-2. – С. 115-120. – EDN RDCAZY.*
6. *Федеральная налоговая служба России. The Federal Tax Service of Russia has presented an analytical system for VAT control and a mobile personal account for individual taxpayers in Tajikistan [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.nalog.gov.ru/eng/media/news/15438009/ (санаи муроҷиат: 16.06.2025).*
7. *Negroponte, N. (1995). Being digital. knopf. Paperback edition. – 1996, Vintage books [Манбаи электронӣ]. URL: https://web.stanford.edu/class/sts175/NewFiles/Negroponte.pdf (санаи муроҷиат: 16.06.2025 с.).*
8. *Solehzoda A. M. Tax Committee at the Government of the Republic of Tajikistan, Tajikistan // Journal of Advanced Research in Law and Economics. [Манбаи электронӣ]. URL: https://journals.aserspublishing.eu/jarle?utm_.com [санаи муроҷиат 16.06.2025 с].*


### *REFERENCES:*


1. *Speech by the Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon at a meeting with employees of the country's finance, tax, customs and banking sectors dated 10.05.2019 // [Electronic source]. URL: www.andoz.tj [date of appeal: 16.06.2025].*
2. *Abdulloev A. "Modern Methods of Tax Discipline Management in Transition Economies." — Proceedings of Economic Conferences, Dushanbe, 2022. URL: https://econconf.tj/proceedings/abdullaev2022.pdf (date of appeal: 16.06.2025)*

3. *Mirzoev M. "Regional Features of Tax Administration in the Republic of Tajikistan." — Journal "Economics and Management," 2021. URL: http://journal.economy.tj/issue2021/mirzoev.pdf (date of appeal: 16.06.2025)*
4. *Rahimov R. "Digitalization Mechanisms of Tax Administration in Tajikistan." — Scientific and Economic Journal "Economics and Finance," 2023. URL: http://economyjournal.tj/article/rahimov2023.pdf (date of appeal: 16.06.2025)*
5. *Saburov D. J. Improvement of the Taxation System as a Factor in the Development of the Regional Economy in the Context of Digitalization / D. J. Saburov // Economy of Tajikistan. – 2021. – No. 4-2. – PP. 115-120. – EDN RDCAZY.*
6. *Federal Tax Service of Russia. The Federal Tax Service of Russia has presented an analytical system for VAT control and a mobile personal account for individual taxpayers in Tajikistan [Electronic source]. URL: https://www.nalog.gov.ru/eng/media/news/15438009/ (date of appeal: 16.06.2025).*
7. *Negroponte, N. (1995). Being Digital. knopf. Paperback edition. – 1996, Vintage books [Electronic source]. URL: https://web.stanford.edu/class/sts175/NewFiles/Negroponte.pdf (date of appeal: 16.06.2025).*
8. *Solehzoda A. M. Tax Committee at the Government of the Republic of Tajikistan, Tajikistan // Journal of Advanced Research in Law and Economics. [Electronic source]. URL: https://journals.aserspublishing.eu/jarle?utm_.com [date of appeal: 16.06.2025].*